Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1.
телефон: +992(3422)23811
факс: +992(3422)25170;
e-mail: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ). – Хуҷанд, 2025. – 171 саҳифа

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мухтавои диссертатсия аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), алалхусус бандҳои 7, 20, 22 бо Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқ. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд яке аз масъалаҳои муҳим ва пешрафтаи иқтисодиёти минтақа ва ҷумҳурӣ мебошад. Вилояти Суғд ҳамчун минтақаи стратегӣ ва дорои захираҳои зиёди инсонии фаъол, нақши калидӣ дар рушди иқтисодии Тоҷикистон мебозад. Бо афзоиши аҳолӣ ва шиддат гирифтани равандҳои иқтисодӣ, талабот ба қувваи корӣ ва ихтисосманд дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт низ меафзояд. Ин ҳолат боиси зарурати таҳлилу баррасии инкишофи бозори меҳнат ва самтҳои самарабахши танзими он дар минтақа мегардад.

Дар шароити муосир, таҳкими танзими бозори меҳнат барои пешгирӣ аз нобаробарӣ дар фарогирии аҳолӣ ба ҷойҳои корӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аҳаммияти махсус дорад. Илова бар ин, вобаста ба хусусиятҳои минтақавӣ ва равандҳои глобалӣ, таҳкими сиёсати корбарӣ ва танзими бозори меҳнат дар вилояти Суғд метавонад боиси ҷалби сармояҳои хориҷӣ, беҳбуди сифати кадрҳо ва рушди соҳаҳои афзалиятнок гардад.

Ҳамчунин, таҳқиқи илмии ин мавзуъ бо дарназардошти стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, ки ба рушди устувор, беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ ва рушди иқтидори инсонӣ равона шудааст, воқеан муҳим мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши инкишофи бозори меҳнат ва самтҳои

танзими он дар вилояти Суғд барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати меҳнатӣ ва таъмини рушди иқтисодии минтақа нақши муассир хоҳад дошт.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Ғанӣ гардонидани муқаррароти назариявию методӣ дар раванди ташаккулёбӣ ва ташаккули бозори меҳнати минтақавӣ, ҳамзамон коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ҳалли муаммоҳо ва такмили танзими он дар иқтисодиёти вилояти Суғд навгонии илмии таҳқиқот зоҳир мегардад. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- низомбандии муқаррароти назариявии бозори минтақавии меҳнат, иқтисодиёти минтақа, танзими он ва ворид намудани тасҳеҳ ба мафҳуми тадқиқот;
- гурӯҳбандии равишҳои методии арзёбии бозори меҳнат ва исбот намудани гуногунҷабҳагии он, асоснок кардани зарурати арзёбии бозори меҳнати минтақа дар асоси усули комплексӣ;
- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон оид ба ташаккул, танзим ва рушди бозори меҳнат ва исбот намудани зарурати қабули баъзеи унсурҳои онҳо дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд;
- далелнок намудани вазъи ғайримувозинатии талаботу таклифот дар бозори меҳнат дар иқтисодиёти вилояти Суғд, муайян сохтани мавқеи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва гурӯҳбандии онҳо тибқи арзёбии музди меҳнат;
- бо ҷавонон иваз намудани кормандони солхӯрда, сарбории нафақавӣ, сарбории демографӣ, инчунин арзёбии маҳсулнокии меҳнат ва меҳнатғунҷоиш дар бозори меҳнати минтақа;
- таҳқиқи сохтори соҳавии шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати минтақа, исбот кардани сабабҳои он, гардиши қувваи корӣ, сабаби аз кор рафтан, ивазшавӣ, қабул ба кор ва таъмини муътадилии шуғл дар иқтисодиёти вилоят;
- коркарди амсилаи таъсири омилҳои гуногун ба вазъи бозори меҳнат ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили танзими он дар иқтисодиёти минтақа.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Назария ва методологияи таҳқиқоти мазкур ба корҳои илмии олимони классик дар самти назарияи иқтисодӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии иқтисодчиёни ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаҳои идоракунии истеҳсолот, рушди бозори меҳнат ва принсипҳову омилҳо ва хусусиятҳои он дар сатҳи минтақавӣ асоснок карда шудааст.

Эътимоднокии хулосаю тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар таҳия ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, тадбирҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба идоракунии бозори меҳнат дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа зоҳир гардидаанд.

Дар рафти таҳқиқот аз тарафи муаллиф усулҳои таҳлилӣ-абстрактӣ, диалектикӣ, иқтисодӣ-оморӣ, таҷрибавию иҷтимоӣ истифода шудаанд.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Бояд қайд кард, ки мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ дар назди худ гузоштааст бо номи мавзуъ, ҳадафи таҳқиқоти гузаронидашуда ва сохтори мантиқан дуруст тартиб дода шуда мувофиқат мекунанд. Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда, ки аз 172 номгӯй иборат мебошад, ташаккул ёфтааст. Ҳаҷми умумии кор 173 саҳифаи компютериро дарбар мегирад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқоти гузаронидашуда асоснок карда шуда, таҳқиқи дараҷаи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мавзуъҳои илмӣ ва тавсифи умумии он (мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия, асосҳои назариявию навгонии илмӣ, натиҷаҳои муҳимтарини ба даст дароварда шуда) қайд карда шудаанд.

Дар боби якуми рисола, ки **«Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти бозори меҳнати минтақавӣ»** ном гирифтааст - таҳқиқи назарияи бозори меҳнат минтақа, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, роҳҳои татбиқи он дар иқтисодиёти вилояти Суғд баррасӣ гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти боби мазкур муқаррароти назариявии бозори меҳнат, консепсияҳои шуғли аҳолӣ, иқтисодиёти минтақа низомбандӣ карда шудааст, ки дар асоси он ба мафҳуми тадқиқот тасҳеҳ ворид карда шудааст. Ҳамзамон, гуногунҷабҳагии равияҳои методӣ роҷеъ ба арзёбии бозори меҳнат мудаллал карда шудааст. Дар ин асос баҳри арзёбии объективии бозори меҳнати минтақа нишондиҳандаҳои он гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Дар зербоби сеюм таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба ташаккул, танзим ва рушди бозори меҳнат андӯхта шудааст ва ҷанбаҳои қобили қабул барои истифода дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюм – "Вазъи муосир, арзёбӣ ва хусусиятҳои бозори меҳнат дар вилояти Суғд" - талаботу таклифот дар бозори меҳнат, арзёбии музди меҳнат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур вазъи ғайримувозинатии талаботу таклифот дар бозори меҳнати Суғд асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, шадидии бекории ҷавонон асоснок карда шуда, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯйи сатҳи музди меҳнат гурӯҳбандӣ карда шудааст. Тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнати вилояти Суғд асоснок карда шудааст. Дар ин асос мавҷудияти муаммоҳои зерин муайян гардидааст: - шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ назаррас буда, меҳнати дастӣ нисбат ба меҳнати ақлӣ ҳоло ҳам саҳми зиёд дорад. Дар бештари соҳаҳои иқтисодиёти вилоят музди меҳнати сатҳи номуносиб ҷой дошта, сабаби асосии муҳоҷирати меҳнатӣ гардидааст.

Дар боби сеюм – «Такмили танзими бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа» - амсилаи таъсири омилҳои гуногун ба вазъи бозори меҳнат, тавсияҳои илмӣ-амалӣ баррасӣ гардидааст.

Амсилаи таъсири омилҳои иқтисодии гуногун ба вазъи бозори меҳнат коркард карда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар шароити

муосир ҳассоснокии тағйирот дар бозори меҳнати минтақа аз тамоилҳои мусбати МММ ба ҳар сари аҳолӣ бештар вобастагии қавӣ дорад, сипас рушди соҳаи саноат, афзоиши музди меҳнат низ таъсири назаррас дорад. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба танзими инкишофи бозори минтақавии меҳнат бо таҷдиди ҳамгироӣ бо мактабҳои олӣ, тайёр намудани сармояи инсонӣ ва ғайра пешниҳод гардидааст.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқоти илмӣ дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои таҳкими асосҳои илмии раванди таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат мекунанд.

Муқаррароти диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва вазорату идораҳои соҳавӣ васеъ истифода шаванд.

Ҳамзамон, ҷанбаҳои асосии ин тадқиқот метавонанд дар раванди таълим барои таҳияи барномаҳои корӣ ва дарсҳои таълимии фанҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат, иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти корхонаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани кадрҳои баландихтисос ба кор бурда шаванд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии маводи диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 2,50 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда дар ҳаҷми 1,9 ҷузъи чопӣ нашр шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд. Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот дар хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ инъикос ёфта, муқаррароти назариявии илмии асосноккардашуда коркард карда шудаанд, ки аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегия ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд ифода мегардад. (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 176 / 4-7 аз 07.02.2025).

Баъзе муқаррароти илмии кори таҳқиқотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат, иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти корхонаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад (маълумотномаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон № 81 аз 30.01.2025).

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он – мубарамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи таҳқиқот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон зикр намуд:

- дар фасли 1.2 методологияи арзёбии бозори меҳнат бештар равшан ва муфассалтар тавсиф мешуд;
- пайвасти мантиқӣ байни фаслҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ бо хулоса ё ҷамъбасти кӯтоҳ пурзӯр шавад;
- дар фасли 2.1 тавсифи умумии вазъи бозори меҳнат бо маълумоти мушаххас дар бораи вазъи иқтисодӣ, сохтори аҳолӣ ва соҳаҳои калидӣ пурра карда шавад.
- дар фасли 3.1 оид ба омилхои идорашаванда (маърифати касбӣ, муҳоҷират, сармоягузорӣ ва ғ.) равшани меандохтанд;
- дар фасли 3.2 — ибораи «авлавият дар механизми тайёр намудани сармояи инсони» номуайян аст, беҳтар аст ба таври возеҳ «принсипҳо ва механизмҳои рушди сармояи инсони» ё «барномаҳои рушди маҳорат ва омӯзиши муташаккилона» навишта шавад.

Эрод ва камбудиҳои зикршуда, дар умум, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи "Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он" пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35- Тартиб додани дараҷаҳои

илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони
МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд” **Ахмедов К.А.**

«27» 10 **соли 2025**

Имзои Ахмедов К.А.-ро тасдиқ мекунам:

мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд» **Маҳмудов Ш.У.**

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 169. Телефон: 3422 6 0321
Почтаи электронӣ: info@iet.tj

«27» 10 **соли 2025**